## ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Рисолаи илмии унвонҷӯ Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа, ки дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» омода карда шудааст ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст мутобиқат карда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия:**

Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар низоми ҳуқуқӣ, бахусус дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ то ин давра самараи хуб дода, барои таъмини рушди устувори иҷтимоӣ дар кишвар фазои мусоид фароҳам овард. Шуруъ аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии ислоҳот як силсила қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи

муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул карда шуданд. Ислоҳоти солҳои охири кишвар, аз он ҷумла ислоҳоти судӣ яке аз шохаҳои муҳими қонунгузорӣ, яъне қонунгузории ҷиноятиро дар канор нагузошт. Сабаби асосии тағйиротҳо дар қонгузории амалкунандаи пеш аз ҳама ин навсозии мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарордошта ва мукамалгардонии ҳимояи қонунии онҳо мебошад. Афзалият додан ва диққати махсуси давлат ба арзишҳои иҷтимоӣ талаб менамоянд, ки ҳифзи қонунии мутобиқ ба муқобили рафторҳои зидди иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт пеш аз ҳама ҳифзи арзишҳои муайянгардида ва мубориза бар зидди ҷиноятконӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Дар ин раванд, дар заминаи ақидаҳои илман асоснок ва мавқеъи илми криминалистика барои ҳал намудани праблемаҳои тафтиши ҷинояти одамкушӣ муҳим арзёби мегардад. Зеро, дар сохтори тафтиши ҷиноятҳои одамкушӣ бештар аз дуруст ба роҳ мондани тактикаи амалҳои тафтишӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, масъалаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва илман асоснокро,тақозо менамояд. Масоили тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса қатъи назар аз таърихи ташаккули он то айни замон ба ҳайси яке институти мураккаб ва баҳсталаби илми криминалистика боқӣ монда, баъзе паҳлуҳои он то ба имрӯз байни олимон мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор доранд. Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ на ҳама вақт дар як шакли мушаххас амалӣ мегардад. Бинобар ин масоили муайянкунӣ, критеряи тафриқаандозии онҳо аз рӯйи нишонаҳои объективӣ ва субективӣ дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ ҷиноятӣ баъзе мушкилот ба бор меоварад. Аз ин лиҳоз ба муҳимияти иҷтимоии он нигоҳ накарда, зарурияти ташаккули роҳҳои илман асосноккардашудаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса

дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ намебошад. Дақиқан риоя кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ яке аз шартҳои муҳими муайян кардани адолати иҷтимоӣ, асоснок ва одилона мебошад. Ташаккул додани таҷрибаи судӣ вобаста ба масоили мазкур яке аз муҳимтарин ва душвортарин масъала буда, мукаммалгардонии тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, яке аз масоили омӯзиши тадқиқоти рисолаи мазкур ба шумор меравад. Муҳимияти мавзуи тадқиқот дар он низ зоҳир мегардад, ки ақидаҳои илмӣ оид ба моҳияти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ омӯхта ва тақвият дода шаванд. Зеро, интихоби усули дахлдори муайян намудани тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд дар рисолаҳоии илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзуҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд.

Новобаста аз он ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи илми криминалистика дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ба таҳқиқоти маҷмӯии мушаххас ниёз дорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок

ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд. Дар умум, ин омилҳо аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии рисолаи имлии мазкур дар зербобҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудаанд:

1.Муаллифи рисола иброз мекунад, ки самаранокии санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ аз муайян намудани робитаи равонии байни муфаттиш ва иштирокчии парванда (айбдоршаванда, гумонбаршуда, шоҳид ва ё ҷабрдида) тавассути ин омилҳо амалӣ мешавад: гузаронидани мусоҳибаву суҳбат дар мавзуъҳои дахлдор; фаҳмонидани муқаррароти қонун оид ба пушаймонӣ аз кирдори худ; эҳтироми шахсияти пурсидашавандаро риоя намудан; бартараф кардани монеаҳо вобаста ба эҳсосоти шахс; ба таври воқеӣ ва самимона муносибат намудан бо пурсидашавандагон.

2. Дар доираи пешниҳодҳое, ки ба мукаммалсозии танзими мурофиавӣ-ҷиноятии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса равона гардидаанд, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар матни м. 207 КМҶ РТ муқаррарот оид ба субъектҳо барои гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ваколатдор илова карда шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои нав, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор...» ва минбаъд тибқи матн. Бо назардошти он ҳолат, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса бори аввал аст, ки дар қонун ҳамчун амали тафтишии мустақил мустаҳкам мегардад, инчунин хусусиятҳои хоси тактикаи гузаронидани он, истифодаи танҳо м. 172 КМҶ РТ «Протоколи амали тафтишӣ»-ро нокифоя ҳисобида, илова намудани моддаи 172[1]. «Протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса» ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.

3. Дар рисола зикр карда шудааст, ки бо мақсади аз байн бурдани мухолифатҳо байни нишондоди айбдоршаванда, гумонбаршуда ё шоҳид пешниҳод карда мешавад, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар раванди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар ҳолатҳои истисноӣ дар як вакт байни иштирокчиёни болозикр гузаронида шавад. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 207 КМҶ ҶТ қисми 3 бо мазмуни болозикр ворид карда шавад.

4. тавре муаллиф иброз мекунад, бо назардошти он ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса амали тафтишии харҷталаб (вакт, захираҳои моддӣ) мебошад, гузаронидани он бояд ба накша гирифта шавад, аз ҷумла: 1) омӯзиш ва таҳлили маълумот ва маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки бо санҷиши дарпешистодаи нишондод ва ташаккули фарзияҳои алтернативӣ алоқаманд мебошад; 2) тарҳрезии гурӯҳи муайяни амалҳо вобаста ба фарзияҳои санҷишшаванда; 3) муқаррар намудани ҳолатҳои калидӣ, ки ба мавзуи исботкунӣ мансуб мебошанд ва таҳти санҷиш қарор доранд; 4) муайян кардани лаҳзаҳои асосӣ мурофиавии, ки дар онҳо бевосита ҳангоми баамалбарории амали тафтишӣ фарзияҳои алтернативӣ ба миён омада метавонад ва баҳодиҳии имконияти санҷиши фарзияҳои нав; 5) омӯзиши шахсияти шахсе, ки нишондоди ӯ таҳти санҷиш қарор дорад, инчунин таҳлили ин нишондодҳо ва тасвияи саволҳое, ки бояд мушаххас карда шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти одамкушӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гуруҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад: хулосаҳо ва тавсияҳои хусусияти назариявидошта, яъне дар рисола давраҳои ташаккул ва инкишофи институти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, махсусияти ҳар яке аз давраҳо муайян гардида, муаллиф бо васта ба пайдоиш ва рушди институти мазкур андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамчунин, дар заминаи ин, муаллиф табиати ҳуқуқии тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, мафҳум, моҳият ва аломатҳои онҳо, мафҳум ва намудҳои тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаро пешниҳод месозад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои, ки ба такмили қонунгузорӣ равона гардидаанд, яъне дар заминаи ин диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, дар ин бахш муаллиф ба хотири ба таври дахлдор нишон додани моҳият ва аломатҳои тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, намудҳои онро пешниҳод намудааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои, ки хусусияти амалӣ доранд, яъне он таклифу пешниҳодҳои асосноки илмӣ, ки аз таҳлили таҷрибаи судӣ ба миён омадаанд ва дар самти бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар амалияи тафтиши ҷиноятҳои одамкушӣ кумак мерасонанд. Аз ҷумла, мушкилотҳои вобаста ба тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ва ҳамзамон асоснокии зарурати дар моддаи алоҳида муқаррар кардани протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаро, пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:** Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода М.С., аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба институти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули институти тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ муайян гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот ҳамчунон дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтишот барои содир намудани ҷиноят истифода шаванд; дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти прокуратура, ки раванди тафтиши ҷинояти одамкуширо ба роҳ мемонад, инчунин, дар ҷараёни таълим дар донишкада ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши илмҳои криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси ин соҳа мавриди истифода қарор гирад; дар такмили ихтисоси кормандони соҳа ва хизматчиёни давлатӣ ва бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорон ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Оид ба муҳтавои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Аҳмадзода М.С., дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешннҳод менамоем.**

**1. Дар зербоби дуюми боби сеюм** «Истифодаи аксбардорӣ, наворбардорӣ, филмбардорӣ ва сабти овоз дар ҷараёни санҷиши нишондод» (саҳ.126-140) муаллиф ибораҳои «наворбардорӣ» ва «филмбардорӣ» дар алоҳидагӣ нишон додааст. Ба ақидаи мо ин ду мафҳуми пешниҳодшуда оид ба ба қайдгири амали тафтишӣ маънои ягонаро доранд. Хуб мешуд диссертант дар раванди ҳимояи ошкоро моҳияти ин мафҳумҳоро шарҳ медод.

**2.** Дар нуқтаи 7 ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллифи рисола иброз мекунад, ки «Бо мақсади аз байн бурдани мухолифатҳо байни нишондоди айбдоршаванда, гумонбаршуда ё шоҳид пешниҳод карда мешавад, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар раванди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар ҳолатҳои истисноӣ дар як вақт байни иштирокчиёни болозикр гузаронида шавад. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 207 КМҶ ҶТ қисми 3 бо мазмуни болозикр ворид карда шавад». Ин пешниҳоди муаллиф бо қонуни мурофиавии ҷинояти мухолифат карда дар амал татбиқ шуданаш ғайри имкорн аст. Аз ин лиҳоз аз муаллиф даъват карда мешавад, ки мавқеъи худро дар раванди ҳимояи ошкоро асоснок намояд.

Тавсия ва эродҳои пешниҳодшуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта аз мубрамияти мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**: Диссертатсияи Аҳмадзода М.С., ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти

илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Қисмати хотимавии тақриз. Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми криминалистика ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боиси он мегардад, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан фаъолияти муфаттишҳо дар самти тафтиши парвандаҳои одамкушӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Дар умум, Аҳмадзода Муҳаммадали Сайхуҷа сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.12 - Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки таҳризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расми:
**Сардори шуъбаи адъюнктураи**
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия** **Самиев Н.М.**

**Имзои Самиев Н.М.,-ро тасдиқ мекунам:**
**Муовини сардори ШК Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**подполковники милитсия** **Камолӣ З.Б.**
**«03» майи 2024 с.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов - 3
Телефон: +(992) 93-922-43-33; E-mail: nazartereza1945@gmail.com